«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, д.и.и., профессор
_______ Хайрзода Ш.Қ.
«____» __________ 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ).

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.**

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб, ки дар сарҳади фалсафаву илми муосир ва манзараи муосири илмии олам қарор дорад ин принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгарой ба шумор меравад. Вобаста ба ин, интихоби мавзуъ «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» ба сифати пажуҳиш амали саривақтӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертант Зайналов Қурбон Мирзоевич аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Мубрамии мавзуро диссертант бо гузориши саволҳои моҳияти фалсафӣ ва умумиилмидошта, аз қабили: Барои чӣ дунё тавре сохта шудааст, ки дар он пайдоиш ва мавҷудияти инсон имконпазир аст? Чӣ тавр инсон ва Олам, макрокайҳон ва микрокайҳон таносуб доранд, то чӣ андоза онҳо ҳамандозаанд? Пайдоиши ҳаёт ва олам моҳияти кайҳонӣ дорад ё танҳо ба сайёраи замин хос аст? ва ғайра муайян намудааст. Ҳамзамон, зарурати таҳқиқи мавзуъро бо кор карда баромадани назарияи ноосфера ва асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии илми нави ноогеника, ки принсипи марказии онро хирад ва хираднокӣ ташкил медиҳад, асоснок намудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Аз рӯйи мазмуну муҳтавои маводи нашрии диссертант ва баромаду гузоришҳои ӯ дар конференсияҳо муайян мегардад, ки рисола

кори илмй-таҳқиқотии мустақилона ичронамудан муаллиф мебошад. Диссертант мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намуда, зимни таҳлили манбаҳо, бошуурона интихоб намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои он, усулҳои гуногуни таҳқиқот, таҳлили маълумоти илмй-табий ва фалсафй ба хулосаҳои асосноки илмй даст ёфтааст.

Диссертант дар кори худ аҳамияти таҳқиқи принсипи антропй ва ғояи таҳаввулотгароии глобалиро асоснок намудааст, ки ин муқаррарот самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи муосири илмии оламро ташкил медиҳад.

Аз рӯйи мундаричаи кор муайян мегардад, ки он аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар ҳама боб ва зербобҳои рисола пайдарҳамии мантиқй риоя гардида, дар асоси таҳлилу баррасиҳо хулосаҳои илман асоснок бароварда шудаанд. Чунончй, дар боби якуми диссертатсия **"Принсипи антропй, фаҳмиши илмй-табий ва методологии он"** диссертант пайдоиши ақидаҳои антропй дар таърихи афкори фалсафй, навъҳо ва тафсирҳои гуногуни принсипи антропй, принсипи антропй ва масъалаи мушоҳидачиро таҳлилу баррасй намудааст. Дар ин замина, дар доираи таҳқиқи ақидаҳои антропй дар таърихи афкори фалсафй, фаҳмиши Кайҳон ва ҷойи инсон дар он чунин андешаи диссертант қобили қайд мебошад: "... Ғояи асосии ақидаҳои антиқй на танҳо аз боварй ба он ки инсон бо Кайҳон алоқаманд аст, балки дар он аст, ки ӯ аз он вобаста аст ва байни инсон ва Кайҳон монандии рӯҳию ҷисмонй ҷой дорад, ба шумор меравад" (саҳ. 25).

Диссертант ташаккули тасаввуротро дар бораи инсон ва мақоми он дар Олам, ақидаҳои антропй аз замони атиқа то ташаккул ёфтани тасаввуроти илмии принсипи антропиро таҳлил намуда, чунин иброз медорад: "... Дар қарни XX бо зарурати барқарор кардани фаҳмиши том (холизм)-и Олам илми аврупой кӯшиш намудааст, ки дар ифодаи физикй ба фарзия оид ба вуҷуд доштани инсон – мушоҳидачй дар Кайҳон роҳ диҳад. Илми қарни XX бо назардошти дастовардҳои илми физика, астрофизика, кайҳоншиносй, астрономия ва дигар илмҳо барои фаҳмонидани асосҳои бунёдии олам принсипи антропиро пешниҳод менамояд. Пешниҳоди принсипи антропй муҳаққиқонро водор намуд, ки чунин хусусияти таҳаввулоти глобалиро ҷустуҷӯ намоянд, ки ҷанбаҳои асосии Олам (Кайҳон, мавҷудияти ҳаёт ва, ҳамчунин, инсон)-ро дарбар гирад" (саҳ. 44).

Навъҳои камқувват ва пурқуввати принсипи антропиро аз нигоҳи олимони гуногун шарҳу тавзеҳ дода, диссертант қайд менамояд, ки "...

Асосҳои бунёдии Коинот пас аз Таркиши Бузург таҳаввулотро аз рӯйи самт ба Инсон, нақши Мушоҳидакунанда ва Кайҳонро ҳамчун Мушоҳидашаванда имконпазир кард". Дар ин радиф, ҳадафи зеринро мегузорад, ки ҳалли онҳо барои фаҳмиши инсон ва мақоми ӯ дар Кайҳон а аҳамияти калон доранд: Пайдоиши ҳаёт ва одам моҳияти кайҳонӣ дорад ё танҳо ба сайёраи Замин хос аст? Одам натиҷаи таҳаввулоти глобалии Кайҳон аст ё мушоҳидачии он? (саҳ. 63). Мо одамон ба он манфиатдор ҳастем, ки фаҳмем инкишофи Коинот аз нуқтаи назари инсон чи гуна аст? Ба кадом тарз оғоз ва инкишофи он ба мавҷудияти мо алоқамандӣ дорад ё не? Дар шакли ниҳоят одӣ ҳам гуфтан мумкин аст: инсон ба Коинот барои чӣ лозим шуд? Андешаҳои олимону коршиносонро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаи муҳимро диссертант пешниҳод менамояд: "... Инсон ба Коинот ба сифати мушоҳидакунандаи он зарур аст. Дар шакли ниҳоӣ гуфтан мумкин аст, ки Коинот маҳз барои он мавҷуд аст ва пайдо шудааст, ки мо дар он вуҷуд дошта бошем" (саҳ. 67).

Дар доираи боби дуюм **"Принсипи антропӣ дар таносуб бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ ва назарияи ноосфера"** муаллиф таносуби принсипи антропиро бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ, принсипи антропӣ ва ғояи дастаи оламҳо, принсипи антропӣ ва муҳиммияти коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии аназрияи ноосфераро таҳқиқ намудааст.

Дар ин замина, мафҳумҳои "таҳаввулот" ва "таҳаввулотгароӣ"-ро тавзеҳ дода, равандҳои таҳаввулотиро хоси тамоми олам баррасӣ намуда, чунин қайд менамояд: "... ҷараёни таҳаввулоти глобалӣ ҳамчун низоми худташкилшаванда, ки дигаргуниҳои кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ, биологӣ, антропологӣ, экологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайраро дарбар гирифтааст, яке аз асосҳои бунёдии илми муосир шинохта шудааст" (саҳ. 84).

Диссертант ғояи таҳаввулоти глобалиро чун барномаи умумиилмии омӯзиши Коиноти беканор номида, саволҳои зеринро гузоштааст: Олам дар ибтидо аз кадом «воҳиди хурд» оғоз гардидааст? Кадом бузургиҳои бунёдии Кайҳон барои пайдоиши ҳаёт мусоидат намудаанд? Магар инсон дар Кайҳон танҳо аст? Одам натиҷаи таҳаввулоти глобалии Кайҳон аст, ё мушоҳидачии он? Таҳаввулоти глобалии имрӯзаи Кайҳон ба кадом самт нигаронида шудааст? ва ғайра. Зимни баррасии саволҳои мазкур чунин хулосаи фалсафӣ мебарорад, ки аҳамиятнок ва асоснок мебошанд: "... инсон нисбати Олам аз ду мавқеъ баромад дорад: ҳамчун ҷузъи олам ва ҳамчун мушоҳидачӣ, пажуҳишгару

баҳогузори ин олам. Дар шакли фишурда, ном ва мазмуни принсипи антропӣ ҳаминро ташкил медиҳад" (саҳ. 93); "... Коинoти мушоҳидашавандаи мо танҳо яке аз ҷамъи коинотҳое мебошад, ки номи «Мултиверс»-ро гирифтааст" (саҳ. 102).

Диссертант қайд менамояд, ки таълимот дар бораи таҳаввулоти бисёрҷаҳонӣ ва ҷой доштани Мултиверс ногузир ба гузориши масъала оид ба ҷой доштани шаклҳои таҳаввулоте, ки аз дараҷаи хирад болотар ҷой доранд, оварда мерасонад. Дар ин радиф, саволҳои зерини мазмун ва моҳияти фалсафӣ ва методологидоштаро кушода мемонад: Оё олами беканор чунин сохта шудааст, ё ба таври дигар? Таҳаввулоти глобалии Кайҳон ба кадом самт нигаронида шудааст? Оё дастаи Коинотҳо – Мултиверс вуҷуд доранд? Дар раванди таҳаввулоти зинаҳои таркибии Олам (Универсум) таҳаввулоти хиради волои мутлақ вуҷуд дорад? (саҳ. 111).

Дар доираи зербоби сеюми боби мазкур зимни таҳқиқи принсипи антропӣ ва муҳиммияти коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи ноосфера чунин қайд менамояд, ки "...Таҳлилҳои илмӣ-табиӣ ва фалсафӣ нишон медиҳад, ки имрӯз инсон мехоҳад ҳамбастагӣ ва ягонагии худро бо табиат ва кайҳони бузург аз мавқеи хирад ба таври воқеӣ дарк намояд. Дар ин ҷода, инсон ба кор карда баромадани назарияи нави ноосфера эҳтиёҷи ҷиддӣ дорад, ки таҳқиқи минбаъдаи он аз аҳамият холӣ нест" (саҳ. 121). Аҳамияти кор карда баромадани назарияи нави ноосфера ва илми нави ноогеникаро, ки принсипи марказии онро хирад ва хираднокӣ ташкил медиҳад бо он асоснок менамояд, ки зери таъсиррасонӣ ва зиёнрасонии инсон ба зисткурра дар доираи тамоми табиат ҷараён гирифта, боиси сар задани буҳрони экологии умумибашарӣ гардидааст.

Ҳамзамон мушкилотҳои глобалии замони муосирро, дар мисоли тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, қайд менамояд, ки ҷамъияти муосири саноатӣ (индустриалӣ) ва табдилёбии зисткурра (биосфера) ба курраи техникӣ (техносфера), ки тақрибан 200 сол қабл оғоз гардида буд, ҳоло барои таъмини муносибати ҳамоҳангӣ ва ягонагии инсон бо зисткурра чандон мусоидат накарда истодааст. Техносфера (курраи техникӣ) дар бештари самтҳои таҳаввулоти хеш ба заҳролудшавӣ майл гирифтааст ва аз ин сабаб дар оянда ба мавҷудият қодир нест. Бояд ҷомеаи муосир бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрӣ ва якнавохтагии инсон бо табиат ва зисткурра пеш равад. Бо суханони дигар, имрӯз зарурати гузариши тамаддуни муосири инсонӣ дар ягонагӣ бо зисткурра (биосфера) ба зинаи нави

таҳаввулот – ноосфера бавуҷуд омадааст. Дар доираи илми асри XXI бошад, кор карда баромадани назарияи ноосфера ва илми нави ноогеника бартарӣ пайдо карда истодааст, ки муҳаққиқон принсипи марказии онро хираднокӣ номидаанд. Ин принсип имкон медиҳад, ки робитаи байни инсон ва табиат, ҷомеа ва зисткурра, ҳамтаҳаввулотии онҳо дар заминаи хиради инсонӣ идора карда шаванд.

Бе риояи принсипи хираднокӣ, ҳифзу нигоҳдории ҳаёт ва зоти инсонӣ дар сайёраи Замин номумкин аст. Шубҳае нест, ки дар илми муосир омӯзиши раванди ноогенез (гузариши биосфера ба ноосфера) дар асоси принсипҳо ва қонунҳои илми нави ноогеника паст намудани шиддати омили антропогенӣ ва пешгӯӣ намудани наҷоти инсоният аз хавфи ҳалокатовари мушкилотҳои умумибашарӣ имконпазир мегардад.

Аз таҳлили хулосаҳои диссертант муайян мегардад, ки муаллиф дар таснифу таҳқиқ, ҷобаҷогузории мавод дар боби фаслҳо, коркарди маводи илмӣ-табиӣ, фалсафӣ, таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо, ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва арзёбии аҳамияти илмии мавзуъ бо сабки баёни фаҳмо шахсан саҳми калон гузоштааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертант дар натиҷаи иҷрои вазифаҳо зимни истифодаи методологияи дурусти таҳқиқ ба навгонӣ ва натиҷаҳои муайяни илмӣ даст ёфтааст, ки барои илм, фалсафа ва ҳаёти иҷтимоӣ аҳамияти баланд доранд. Муҳимтарин натиҷаҳое, ки навгонии илмии рисоларо муайян менамоянд, инҳо мебошанд:

1. Бори аввал дар рисола мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ муфассал баррасӣ гаштааст.
2. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи илмии оламро ташкил додаанд.
3. Дар доираи таҳқиқоти кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ ва биологӣ муайян карда шудааст, ки қонунҳо, принсипҳо ва равандҳои таҳаввулот на танҳо ба сайёраи замин, балки ба дигар сайёраҳо, галактикаҳо ва, умуман, Коиноти том хос мебошанд.
4. Навоварии дигар аз он иборат аст, ки дар кор бори аввал диққат ба ташаккулёбӣ ва аҳамияти фалсафӣ-методологии фасли нав дар сохтори таълимоти таҳаввулоти универсалӣ - космоглобалистика дода

шудааст, ки фаъолияти инсонро берун аз ҳудуди сайёраи Замин меомӯзад. Муайян карда шуд, ки таҳқиқот дар ин самт имкон медиҳад, пешгӯии боз ҳам асосноктари ҷустуҷӯй ва меъёрӣ оид ба ояндаи тамаддуни инсонӣ, алоқаи мутақобилаи онҳо бо Замин ва Кайҳон ба даст оварда шавад.

5. Оид ба баъзе мушкилоти илмӣ-табиӣ ва фалсафию методологӣ дар фаҳмиши дастаи Коинотҳо – Мултиверс дар таносуб бо ғояи таҳаввулоти глобалӣ таҳқиқот ба анҷом расонида шуд. Масъалаи дар таркиби Мултиверс ҷой доштани коинотҳои ҷойдорӣ (локалӣ), маҳаллӣ ва кисагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нишон дода шудааст, ки айни ҳол баҳсу мунозираҳои илмӣ дар ин ҷода идома доранд.

6. Дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-табиӣ оид ба робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ бо назарияи таҳаввулотии В.И. Вернадский оид ба гузариши зисткурра ба ноосфера (курраи хирад) – ноогенез таҳқиқоти инноватсионӣ гузаронида шуд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир бояд бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрии инсон бо табиат ва зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш равад. Мутаносибан зарурати кор карда баромадани илми нав тахти унвони ноогеника асоснок карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки имрӯз инсоният бояд дар иҳотаи проблемаҳои умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои бехтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд.

Навгонии дигари диссертатсияро он ташкил медиҳад, ки диссертант дар асоси таҳқиқи алоқамандии принсипи антропӣ бо назарияи синтетикии таҳаввулот асоснок намудааст, ки назарияи мазкур ба саволҳои рӯзмарраи раванди таҳаввулоти глобалии муосир ҷавобҳои қаноатбахш дода наметавонад. Вобаста ба масъалаи мазкур муайян намудааст, ки омӯзиши пайвастагии принсипи антропӣ бо тамоюли ҳамгироии (интегратсия) илмҳои фалсафа, астрономия, астрофизика, кайҳоншиносӣ, биологияи таҳаввулоти, информатика ҷихати кор карда баромадани назарияи умумии таҳаввулоти глобалӣ имконияти муҳим фароҳам меорад. Инчунин, инсонро ба сифати як нуқтаи сарҳисоб, ченаки мураккабии робитаю муносибатҳои кулли олам ва иштирокчии бевоситаи раванди таҳаввулоти глобалии олам хулоса намудааст, ки ин муқаррарот хулосаи нави фалсафӣ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Эродҳо ва хатогиҳо доир ба натиҷагирии диссертатсия.**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Зайналов Қ.М. баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки баррасии онҳо барои такмили корҳои илмӣ-таҳқиқотии диссертант мусоидат менамоянд:

1. Дар диссертатсия оид ба ташкилшавӣ ва аҳамияти фалсафӣ-методологии фасли нав дар сохтори таълимоти таҳаввулоти универсалӣ - космоглобалистика диққат дода шудааст. Вобаста ба ин, агар мавзуи мазкурро васеътар дар доираи зербоби алоҳида баррасӣ менамуд, боби дуюми рисола мукаммал мегардид. Зеро космоглобалистика фаъолияти инсонро берун аз ҳудуди сайёраи Замин меомӯзад, ки ин тамоюл ҳоло аҳамиятнок гардидааст.

2. Дар диссертатсия атрофи шарҳу тавзеҳи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ баҳсу мунозираҳо гуногун таҳлил гардидаанд, аммо нуқтаи назари шахсии диссертант нисбати масъалаи мазкур, инчунин намудҳои принсипи антропӣ норавшан мондааст.

3. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои баёнгардида хусусияти бунёдӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара «30» апрели соли 2024, суратмаҷлиси №9 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов Комил Ҷурахонович омода карда шудааст.

**Омодакунандаи тақриз:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи фанҳои
гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара Азизов К.Ҷ.

**Раисикунанда:** мудири кафедраи
фанҳои гуманитарии Донишгоҳи
давлатии Данғара Саидов А.И.

**Котиби ҷаласа:** муаллими калони кафедраи
фанҳои гуманитарӣ Муллоботур М.

Имзои К.Ҷ.Азизов, А.И.Саидов ва
М.Муллоботурро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
735320, ш. Данғара, к. Марказӣ 25.
Тел.: (+992 83312) 2-28-06
Почтаи электронӣ: dddangara_2013@mail.ru
Сомона: www.dsu.tj